# ПРОТОКОЛИ № 26

чаласаи Шурои диссертатсионии 6D. КОА-036

назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

аз 28 июни соли 2025 ш. Душанбе

**Иштирок доштанд:** аз 11 нафар аъзои Шурои диссертатсионии бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми феврали соли 2023, № 18/шд тамдидгардида, 9 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 5 нафарашон мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб меравaнд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи Шуро гузаронида шавад. Муҳтарам аъзои Шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест.

Касе ҷонибдори он бошад, ки ҷаласаи шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям мавқеи худро муайан намояд. Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

**Рӯзномаи ҷаласа:**

1. Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Орзузода Парвина Ҷамолидин дар мавзуи **«Таҳлили муқоисавии ҷумлаҳои пайрави сабаб ва натиҷа дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20. - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ

**ШУНИДА ШУД:**

Раиси комиссияи эскпертии Шурои диссертатсионӣ Қосимов Олимҷон Ҳабибович аъзои комиссияи экспертӣ Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна ва Ҳасанова Шаҳло Раҳмоновна баромад намуданд (хулосаи комиссияи экспертӣ замима мегардад).

Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсияи Орзузода Парвина Ҷамолидин дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ҷумлаҳои пайрави сабаб ва натиҷа дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10. 02. 20. - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:**

1. Диссертатсияи Орзузода Парвина Ҷамолидин дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ҷумлаҳои пайрави сабаб ва натиҷа дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи

ихтисоси 10. 02. 20. - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъйин карда шаванд:

- **Мухторов Зайниддин Мухторович** – доктори имлҳои филологӣ, профессор Ректори Донишкадаи рушди менеҷменти Сингапур дар шаҳри Душанбе;

- **- Раҳмонова Дилрабо Искандаровна –** номзади илми филология, дотсенти **кафедраи** филологияи тоҷик ва забонҳои хориҷии Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М.Турсунзода**;**

3.Ба сифати муассисаи тақриздиҳанда **Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав** таъин карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва фиристодани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимоя 27.09.2025, соати 13:00 таъйин карда шавад.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** тарафдор 9 нафар, муқобил- нест, бетараф- нест. Якдилона қабул карда шуд.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология, профессор Турсунов Ф.М.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
номзади илми филология, дотсент Ҳасанова Ш. Р.